**ФАРМОИШИ**
**РАИСИ КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ**
**НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**аз «31» 01 соли 2025 № 37/уи ш. Душанбе**

*Дар бораи рад кардани додани унвони илмӣ*

Мутобиқи банди 18 банди 9 ва сархати 4 банди 18 Низомномаи муассисаи давлатии "Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон" (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10.11.2021, №270), бандҳои 33,34, сархати 2 банди 38 ва банди 40 Тартиби додани унвони илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 267),

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Дархостномаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 16 ноябри соли 2024, № 03/1043 «Дар бораи ба Неъматов Ғолиб Нуралиевич додани унвони илмии дотсент аз рӯйи ихтисоси Иттилоот, техникаи ҳисоббарор ва идоракунӣ» бинобар риоя нагардидани талаботи сархати 3 банди 10 Тартиби додани унвонҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267) рад карда шавад.
2. Пешниҳоди такрории парвандаи аттестатсионии Неъматов Ғолиб Нуралиевич пас аз 1 (як) сол аз санаи ба тавсиб расидани фармоиши мазкур амалӣ карда шавад.
3. Мудири шуъбаи аттестатсионии илмҳои табиӣ-математикӣ ва техникӣ (Гулзода А.Б.) вазифадор карда шавад, ки дар муҳлати то 10 рӯз, аз рӯзи ба имзо расидани фармоиши мазкур, ҷиҳати ҷойгир намудани нусхаи он дар сомонаи Комиссия ва парвандаи аттестатсионии довталаб чораҳои зарурӣ андешад.
4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи саркотиби илмии Комиссия Маъруфӣ Р.Н. вогузор карда шавад.

Асос: қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 январи соли 2025, № 2

Раис Давлатзода С.Х.

КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
НУСХА БА АСЛАШ БАРОБАР АСТ